А) Бибисаид Кучакова «Ман ба махорату лаёкати бепоёни духтарони деха бовари дорам!»

Сохибкорзани чавон аз дехаи наздисархадии нохияи Мастчох, ки 5 нафар духтарони хамсоли худро бо кор таъмин намуд, чунин мешуморад, ки хар як духтари чавон бояд бомаълумот, бо кор таъмин ва пешрав бошад.



Чамоати Мастчох, ки бо нохияи Бекободи Узбекистон хамсархад мебошад, яке аз чамоатхои калонтарини нохия ба шумор меравад, ки дар он зиёда аз 24,5 хазор ахоли зиндаги менамоянд ва кариб ними онро занхо ташкил медиханд. Мувофики маълумоти Агентии мехнат ва шугли ахолии нохия кариб ними занону духтарони ин чамоат бекор мебошанд. Сӯхбат бо сохибкорзани чавони 22-сола Бибисаид Кучакова – рохбари ЧДММ «Стандарт», ки махсулоти хасибхо истехсол менамояд, айнан аз муаммои сатхи пасти бо кор таъминнокии занхои дехот сар шуд. «Муаммои бекории занхои дехаи мо ва дигар нохияхои Точикистон, хело актуали мебошад. Шумо тасаввур кунед, ки садхо нафар духтарони чавон аз бекори дар хона нишаста кай ба шавхар баромаданашонро интизори мекашанд» мегуяд ӯ. Аз руи гуфти Бибисаид падару модараш онхоро – се духтар ва писарашонро дар рухи мехнатдусти ва кордони тарбия намудаанд. Падараш – агроном, номзади илмхои кишоварзи, бо фаъолияти сохибкори ва савдо машгул шуд. Баъдан дар заминаи стансияи мошину трактории дар замони Советн бе истифода ва бе назорат монда, Маркази хизматрасонихои техникаи сохаи кишоварзиро барои фермерон таъсис дод. «Падари Бибисаид – Муллохасан, одами сохиби акидахо ва принсипхои пешкадам, олим», - мегӯяд ёрдамчии рохбари сех Муллораби Рабиев. – «Духтарони чамоати мо аз руи одат синфи нухуми мактаби дехаро тамом кардааанду халос, факат баъзеи онхо дар синфхои болои тахсилро давом додаанд. Вай ин холатро ба назар гирифта. Барои сохиби маълумот шудани фарзандонаш диккати чидди дод. Дар хотир дорам, ки ӯ дар мачлиси умумии чамоат бо иштироки рохбарияти мактаб

баромад намуда, гуфта буд ки кассе ки духтарашро барои тахсил ба мактабхои оли мефиристад, ӯ бо манзил ва маблаг кумак менамояд. Ӯ гуфт, ки агар хозир мо духтарони худро ба касби табиби, омузгори ва дигар касбхо нахононем, пас ки оянда дар беморхонаю мактабхо кор карда, фарзандони моро табобат мекунад ва мехононад? Се духтари вай аввалин шуда аз чамоати мо барои хондан ба мактабхои оли рафтанд ва дигар духтарон низ ба онхо пайрави намуданд». Бо нияти бо кор таъмин намудани занхои махалли, соли 2010 падари Бибисаид бинои бекормондаро харида, баъди таъмир, онро тачхизонида истехсоли хасибро ба рох монд. Дар давоми фаъолияти сехи номбурда якчанд занони деха бо кори доими ва музди мехнат таъмин шуданд. «Ман фарзанди дуюм дар оила мебошам, - суханашро давом дода мегуяд Бибисаид. – Хислати бештар ба писарон монанд будани ман, шавки маро ба истехсолот, тадбиркори ба назар гирифта, хануз дар давраи мактабхониам падарам маро хамрохаш тез-тез ба кор мебурд. Ва хануз хамон вакт дар ман хохиши дар оянда сохибкорзан шудан ва кушодани корхонаи худ пайдо шуда буд. Вале, падарам талаб карда буд, ки аввал тахсил ва сохиби маълумот шавам ва сони бо тичорат машгул шавам. Тичорати бобарор ба сифат ва техникаи аврупои вобаста буданашро дарк намуда, ман ба омухтани забони англиси шуруъ кардам ва ба факултаи забони англисии Донишнохи давлатии педагогии ба номи С.Айни дохил шудам. Дар ончо солхо дар натичаи бухрони молиявии чахони бисёр корхонахо фаъолияти худро катъ намуданд, дар натичаи душворихои молияви сехи хасиббарории мо низ бекор монд. Баъдан ман фикри аз нав баркарор намудани кори сехро ба пеш мондам. Хушбахтона ман аз айёми кудаки бо технологияи сех шинос будам. Бо Муллораби мо хамаи харочотхоро хисоб намуда ба кор шуруъ намудем. Воситаи асоси, тачхизот барои истехсолот дар мо мавчуд буд. Гайр аз он дар бозор ин соха озод буд – дар микёси нохия кассе бо истехсоли хасиб машгул набуд.»



Дар огози соли 2018 сех кори худро аз нав огоз намуд. Дар аввал нишондихандахои истехсоли хело паст буданд, иктидори истехсолии сех хамаги 500 кило махсулоти тайёр буд. Гайр аз он сифати махсулот ба сифати махсулоти ракибон дар вилояти Сугд «Кабири Хучанд», «Азизи» ва дигарон чавобгӯ набуд. Зарурати бехтар намудани чараёни технологи, харидори намудани тачхизотхои иловаги ба миён омад. «Ман ба шуъбаи гоибона гузаштам, то ки имконияти рушди истехсолотро дошта бошам. Бояд

сикли истехсолотро пурра мекардем, тачхизоти навро барои пресс ва клипсатор харидори намуда, онро васл менамудем. Вале даромад аз истехсоли хасиб барои ичрои ин корхо нокифоя буд», - мегӯяд Бибисаид. Дар чамоат Маркази хизматрасонии ФКХ «Хамёри» фаъолият мебурд ва барои дарёфти маблаг Бибисаид ба Маркази мазкур мурочиат намуд ва аз хамкории Фонд бо Барномаи Рушди Созмони миллали муттахид огох шуда, барои маблаггузори накшаи тичоратии худро пешниход намуд. Максади накша васеъ намудан ва бехтар намудани сифати махсулоти хасиб, бо рохи ба даст овардан ва истифода намудани тачхизоти замонави ва мукаммалсозии истехсолот, инчунин таъсис додани 4 чои кори нав барои занхои бекор буд. Лоихаи пешниходшудро тасдик намуда, ба маблаги 38 хазор сомони карзи имтиёзнок чудо карда шуда. «Мо тачхизотхои заруриро харидем, - мегуяд Бибисаид. – Тачхизот дар истифода хело сода буда, дар он кор кардан кулай ва осон аст. Тачхизот вактро сарфа намуда, мухлати нигохдории махсулотро зиёд менамояд, ки ба фуруши он таъсири мусби мерасонад. 4 нафар занхои махаллиро ба кор кабул намудем: Анора, Гулором, Рахбар ва Садафмо. Технологи фирмаи «Кабири Хучанд, ки бо мо хамкори менамояд, истифодаи тачхизотро ба онхо омузонд. Бо «Кабири Хучанд» оид ба хамкори мо шартнома дорем, мо аз онхо хар гуна маводхои хушбукунанда мехарем. Онхо бошанд оид ба бехтар намудани чараёни технологи ба мо маслихат медиханд. Занхои ба кор кабулшуда акнун хар мох ба маблаги 500-600 сомони музди мехнат мегиранд».




Баъди тачхизонидан ва васеъ кардани фаъолият сех зиёда аз 4 тонна махсулот истехсол намуда ба фуруш бароварда истодааст. Намуди махсулот зиёд шуд. Чуноне, ки фурушандаи магозаи «Тохирчон» - Сулаймонов Тохирчон кайд кард: Ба махсулотхои сехи «Стандарт»: «Хуштамъ». «Хушхур», «Субхона», «Дилкаш», Фарахбахш», «Лаззат» чун махсулотхои ширкатхои «Азизи» ва «Кабири Хучанд» талабот бисёр буда, тез ба фуруш мераванд. Агар пештар сех факат сокинони чамоат ва гирду атрофии онро бо махсулот таъмин намояд, акнун сех махсулотхои худро ба нуктахои савдои тамоми нохия: чамоатхои Оббурдон. Палдорак, Навбахор, Сугдиён ва шахраки Бустон мебарорад. «Мо некбину зиндадилем ва дар оянда накшахои зиёд дорем. Истехсолотро васеъ ва сифати махсулотро бехтар намуда, мо метавонем дар оянда нохияхо хамсоя:

Спитамен ва Чаббор Расуловро низ бо махсулот таъмин намоем. Мехохем истехсоли тушбераро низ ба рох монем, ки барои ин 150 хазор сомони маблаг зарур аст. Аз хама мухимаш - мо духтарони дехотро бо кор таъмин намуда, ба онхо имконияти санчиши кобилияташонро дар истехсолот фарохам овардем. Ман ба махорату лаёкати бепоёни духтарони дехот бовари дорам ва мехохам ки хар яки онхо бояд бомаълумот, муваффак ва машгулият дошта бошанд» - мегуяд Бибисаид.